# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ
аз 7-уми апрели соли 2026, №116

Барои сазовор донистани Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукурро дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар санаи 23.12.2025 сол, суратмаҷлиси №105 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6Д.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 16/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 18-уми ноябри соли 2025 (суратмаҷлиси №4) муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур санаи 6-уми сентябри соли 1988 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2006 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2011 бо ихтисоси ҳуқуқшинос-омӯзгор хатм кардааст.

Аз соли 2012 то соли 2021 ба ҳайҳи ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба кор қабул гардидааст. Аз соли 2021 то инҷониб дотсенти кафедари ҳуқуқ ва идораи давлатии донишгоҳи мазкур фаъолият намуда истодааст.

Номбурда соли 2018 дар шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар мавзуи: «Хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи институтҳои асосии оилавӣ-ҳуқуқӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик: давраи ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ» аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ зери роҳбарии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Холиқзода Абдураҳим Ғафор бо муваффақият ҳимоя намудааст.

Бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 24.10.2025, №414-05), ба ҳайси унвонҷӯ-докторанти кафедраи ҳуқуқи инсон ва

ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст.

**Мушовири илмӣ:**

**Холиқзода Абдураҳим Ғафор** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, директори Муссисаи давлатии Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Раҷабзода Равшан Муҳитдин** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Муҳаммадиев Иззатулло Сайфуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:**

Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар, Назарзода Носир Ҷобир, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори факултети №1-и Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, аз ҷониби Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-майори милитсия Насуриён П.А. тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйироту иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаҳлиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Ҳамчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 28 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 19 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ-докторант, нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти докторант аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[М-1] Аминджонов А.Х. Правовое регулирование брака в зороастризме / А.Х. Аминджонов // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. - №3/11 (188). – С. 86-88.

[М-2] Аминджонов А.Х. Правовые нормы регулирования расторжения брака в исламе / А.Х. Аминджонов // Вестник Таджикского национального университета. – 2016. - №2/7 (213). – С. 238-240.

[М-3] Аминҷонов А.Х. Шароити талоқдиҳанда дар низоми ҳуқуқи исломӣ / А.Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. - №2/4. – С. 249-251.

[М-4] Аминджонов А.Х. Правовое состояние супругов в эпоху зороастризма / А.Х. Аминджонов // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. - №2/3. – С. 271-272.

[М-5] Аминжонов А.Х. Возникнавение брака и его вид в период действия обычно-традиционного права на территории истарического таджикистана / А.Х. Аминжонов // Вестник Таджикского национального унверситета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2020. №5. – С. 242-246.

[М-6] Аминжонов А.Х. Усыновление и удочерение: порядок и их правовое последствия в системе зороастрийского права / А.Х. Аминжонов // Вестник Таджикского национального унверситета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2020. №6. – С. 236-239

[М-7] Аминҷонов А.Х. Вазъи ҳуқуқи моликиятии занон дар низоми ҳуқуқии зардуштия / А.Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. - №7. – С. 243-245.

[М-8] Аминҷонов А.Х. Никоҳ ва шартҳои бастани он тибқи таълимоти ҳуқуқи зардуштӣ / А.Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. - №8. – С. 304-307.

[М-9] Аминҷонов А.Х. Ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамсарон нисбат ба ҳамдигар дар низоми ҳуқуқи исломӣ / А.Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. - №9. – С. 340-343.

[М-10] Аминҷонов А.Х. Танзими муносибатҳои ҳуқуқии никоҳӣ-оилавӣ тибқи сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ / А.Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. - №10-1. – С. 249-252.

[М-11] Аминҷонов А.Х. Маҳрамҳои сабабиву разоъӣ ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои никоҳӣ дар низоми ҳуқуқи исломӣ / А.Х. Аминҷонов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. 2021. №4 (36). – С. 57-66.

[М-12] Аминҷонов А.Х. Уҳдадориҳои алиментдиҳӣ / А.Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. - №10-2. – С. 208-212.

[М-13] Аминжонов.А.Х. Низоми ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон / А.Х. Аминжонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. - №5. – С. 225-229.

[М-14] Аминжонов А.Х. Шартҳои бастан ва асосҳои қатъ гардидани никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ / А.Х. Аминжонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. 2024. №1 (33). – С. 82-95.

[М-15] Аминҷонов А.Х. Баъзе масъалаҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ / А.Х. Аминҷонов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. 2023. №3 (43). – С. 100-107.

[М-16] Аминҷонов А.Х. Вазифа ва принсипҳои ҳуқуқи оилавии шуравӣ / А.Х. Аминҷонов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. 2023. №4 (44). – С. 95-99.

[М-17] Аминжонов А.Х. Танзими ҳуқуқии амволи муштараки ҳамсарон тибқи низоми қонунӣ /А.Х. Аминжонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. - №6-1. – С. 227-232.

[М-18] Аминҷонов А.Х. Асосҳо ва тартиби беэътибор донистани аҳдномаи никоҳ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Х. Аминжонов // Законодательство. 2024. №1 (53). – С.103-107.

[М-19] Аминҷонов А.Х. Аҳдномаи никоҳ: тартиби тағйир ва бекор кардани он / А.Х. Аминжонов // Законодательство. 2024. №2 (54). – С.91-96.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[М-20] Аминҷонов А.Х. Вазъи ҳуқуқии ҳамсарон дар ҳуқуқи зардуштия / А.Х. Аминҷонов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмиллалӣ таҳти унвони «рушди илмҳои таърих ва ҷомеашиносӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон», бахшида ба 70-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (17-18-уми апрели соли 2015), Душанбе: «Ирфон», 2015. – 318с.

[М-21] Аминҷонов А.Х. Аҳамияти иҷтимоии никоҳ ва роҳҳои мустаҳкамсозии он / А.Х. Аминҷонов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба соли «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» таҳти унвони «Нақши соҳаи сайёҳӣ дар пешрафти иқтисодиёти миллӣ» 24 феврали соли 2018. – Қӯрғонтеппа, 2018. – С. 116-118.

[М-22] Аминҷонов А.Х. Бастани никоҳ ва ҳимояи ҳуқуқи занон тибқи низоми ҳуқуқи зардуштӣ / А.Х. Аминҷонов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба соли «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» таҳти унвони «Нақши соҳаи сайёҳӣ дар пешрафти иқтисодиёти миллӣ» 24 феврали соли 2018. – Қӯрғонтеппа, 2018. – С. 125-128.

[М-23] Аминжонов А.Х. Нақши ҳадис дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ-оилавӣ дар ислом / А.Х. Аминжонов // Мактаби сиёсии Пешвои миллат. 2020. №1. – С. 249-251.

[М-24] Аминжонов А.Х. Формирования семейного законодательства советском Таджикистане / А.Х. Аминжонов // В сборнике: теоретические вопросы формирования культуры прав человека в Таджикистане. Материалы международной научно-теоретической конференции. Душанбе, 2023. – С.264-273.

[М-25] Аминҷонов А.Х. Вазъи ҳуқуқии хешони разоъӣ (ширхора) аз назари ҳуқуқи исломӣ / А.Х. Аминҷонов // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи

ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7-уми декабри соли 2020) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 377-381.

[М-26] Аминжонов А.Х. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар тибқи қонунгузории оилавӣ ва нақши ВАО дар иттилоотонии меъёрҳои ҳуқуқи шаҳрвандон / А.Х. Аминжонов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Нақши ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо» (11-12 апрели соли 2025). – С.622-625.

[М-27] Аминзода А.Х. Уҳдадориҳои падару модар дар амалигардонии ҳуқуқи кӯдак ба таҳсил / А.Х. Аминзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Конститутсия – асоси низоми сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (5-уми ноябри соли 2025) – Душанбе: Матбааи Соҳибкор, 2025. – 220с.

[М-28] Аминҷонов А.Х. Хусусиятҳои ҳуқуқи оилавӣ дар ҳавзаи Мовароуннаҳр / А.Х. Аминҷонов // Конференсияи илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Абумансури Моторудӣ – асосгузори каломи ақлгароӣ ва таҳаммулпазирӣ» Душанбе: 2025. 202 с.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Меликов Умрилло Асадуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Шокиров Ғайбулло Абдуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**Қодирзода Тоҳир Қамар** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, ходими пешбари илмии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан дар масъалаҳои махсусияти ғайришаклию ғайриақлӣ доштани сарчашмаҳои ҳуқуқии урфию одатӣ, бартарӣ доштани никоҳи хешони хунӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ, дуализми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистони шуравӣ, пешниҳод шудаанд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйироту иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи

дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:**

**- асонок карда шудааст,** ки раванди ташкили оила ва роҳҳои ҳуқуқии ташаккул, рушд ва таназзули он дар ҳаёти иҷтимоӣ, муносибатҳои ҷамъиятии дорои характери ҳуқуқии атрофи таъсис, фаъолият ва кандашавии оила дар аҳди бостон чӣ гуна сурат гирифтааст;

- **исбот карда шудааст,** ки навъҳои гуногуни никоҳ аз қабили никоҳи хешони хунӣ, никоҳи гуруҳӣ, никоҳи ҷуфтҳо, никоҳи эндогамӣ, никоҳи экзогамӣ, якканикоҳӣ дар аҳди бостон мавҷуд буданд;

- **муайян карда шудааст,** ки масъалаҳои гуногун оид ба никоҳ ба мисли ҳуқуқи интихоби ҳамсар, вазъи ҳуқуқии духтар ва писар дар интихоби ҳамсар, маҳдудиятҳо вобаста ба интихоби ҳамсар, аҳамияти никоҳ бо хешони наздик дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ тибқи сарчашмаҳои ҳуқуқии динӣ танзим мегаштанд;

**- пешниҳод мегардад,** ҳуқуқи шуравӣ шуруъ аз соли 1929, дар сарзамини Тоҷикистон навъи нави муносибатҳои никоҳӣ – оилавиро бо унсурҳои ҳуқуқи аврупоӣ рӯи кор овард. Ҳуқуқи шуравӣ зери шиори баробарҳуқуқии занону мардон масъалаи озодии занонро дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҷиддӣ гузошта, ба ҳуқуқу озодиҳои никоҳию оилавии онҳо дар заминаи тасаввуроти ҳуқуқи аврупоӣ тағйироти назаррас ворид намуд. Аломатҳои муҳимми ҳуқуқи оилавии шуравӣ дар чунин нуктаҳо ифода ёфтаанд:

- ҳуқуқу озодиҳои ҳамсарон дар ташкили оила баробар эълон гашт;

- баробар бо мардон занон ҳам ҳуқуқи бекор кардани акди никоҳро пайдо намуданд;

- ҳуқуқу ваколатҳои ҳамсарон дар тарбияи фарзандон баробар эълон гашт;

- никоҳ ҳамчун акти ихтиёрии тарафҳо эълон гашт;

- синну соли никоҳӣ барои мардону занон аниқ муқаррар гашт;

- муносибатҳои никоҳӣ–оилавӣ нахустин маротиба тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии расмӣ ба танзим даровarда шуд;

- бисёрзанӣ бекор гардид.

**- исбот карда шудааст,** ки мафҳум ва шакли никоҳ, сарчашмаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ, вазъи ҳуқуқии маҳрамҳо, намудҳои маҳрамҳо аз қабили насабӣ, сababӣ ва разоъӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳар, махсусан, ҳуқуқи муштараки зану шавҳар, ҳуқуқи зан бар шавҳар, ҳуқуқи шавҳар бар зан дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ дар асоси сарчашмаҳои ҳуқуқӣ танзим шуда дорои хусусияти ба худ хос мебошанд;

**- муайян карда шудааст,** ки мафҳуми никоҳ, шартҳои бастани он, асосҳои қатъ намудани никоҳ, тарафҳои никоҳ, тартиби бастани никоҳ ва мақомоте, ки ҳуқуқи бекор кардани никоҳро доштанд, тартиби фарзандхондӣ

ва ухдадориҳои алиментдиҳӣ, субъектҳое, ки ҳуқуқи ба фарзандхондӣ қабул карданро доранд, мақсади фарзандхондӣ, андозаи алимент дар қонунгузории шурави тавассути сарчашмаҳои ҳуқуқии расмии хусусияти ғайридинидошта муайян ва танзим мегардиданд;

- аҳдномаи никоҳро аз назари ҳуқуқӣ таҳлил намуда, зарурати муқаррар гардидани он дар қонунгузории ҶТ, тартиби бастан, тағйир додан, бекор кардан ва беэътибор эътироф намудани аҳдномаи никоҳро таҳлил намуда, хусусиятҳои онро муайян намудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот,** пеш аз ҳама, бо он муайян мешавад, ки муқаррарот ва хулосаҳои он дар ҷараёни навиштани рисолаҳои илмӣ, дар пурра намудани норавшаниҳои таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, кушодани печидагиҳои илми таърихи ҳуқуқи оилавӣ, мукаммал намудани таълими таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ва беҳтар гардонидани базаи қонунгузории ҳуқуқи муосири оилавӣ истифода шуда метавонанд.

Муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ, ки дар таҳқиқот оварда шудаанд, имкон медиҳанд, ки хусусиятҳои институтҳои алоҳидаи ҳуқуқи оилавӣ аз қабили никоҳ, талоқ, фарзандхондӣ, маҳрамҳо, ухдадориҳои алиментдиҳӣ, аҳдномаи никоҳ ва ғ. дар сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ ва муосир ва назарияҳои олимон амиқтар муайян гардад.

Дар таҳқиқот кӯшиш карда мешавад, ки муносибати ҷаҳонбинии нав нисбат ба масъалаи баррасишаванда ташаккул дода шавад. Таҳқиқотҳои гузаронидашуда на танҳо ба олимон, балки ба кормандони таҷрибаомӯз, мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ имкон медиҳад, ки бо мақсади ҳифзи арзишҳои оилавӣ ва устувории оила, дар сатҳи баландтар танзим намудани муносибатҳои оилавӣ нигоҳи амиқтару нав гиранд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** дар натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илми таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқи ҳолати таърихӣ-ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқ ва ҳуқуқи муосири халқи тоҷик дар асоси низомҳои ҳуқуқии зардуштӣ, мусулмонӣ, Тоҷикистони шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол ва рушди конунгузории оилавӣ асос меёбад.

**– асоснок карда шудааст,** ки дар баъзе мавридҳо падидаю ҳодисаҳои ҳуқуқӣ-сиёсие мавҷуданд, ки аз назари табиати ҳуқуқӣ шаклан ва мазмунан ҳеҷ наздикие ба унсурҳои оилавӣ надоранд, вале чун ба таҳқиқоти амиқи илмии онҳо аз назари касбӣ мутахассисон машғул мешаванд, онҳо кадом як замоне дар шакли ибтидоӣ ҳамчун унсури анъанаҳои олилавӣ рӯи кор омадаанд. Мисол, гирем санъати суханварӣ–риторикаро, ки асли баромади он ба Сиракуза (Ситсилия) рафта мерасаду ҳамчун илм баррасиаш ба Аристотелиси юнонӣ вобастааст, решаи амиқи худро дар ниҳоди анъанаҳои оилавӣ, ба вижа дар Шарқ доро будааст. Намунаи асли риторика дар

кишварҳои шарқи исломӣ ҳанӯз дар намунаи эҷодиёти асримиёнагӣ ва барвақттар аз он дар шакли «хутба» оғоз шудааст. Худи истилоҳи «хутба» тибқи луғатномаҳои машҳур ин «санъати сухан» ё «сухани боистеъдод» ва ё «сухани барои омма» гуфта шудааст. Пайдоиши ҳамин навъ сухангӯии боҳашамат ва зебои боистеъдод тибқи таҳқиқот равшан шудааст, ки ҳанӯз дар даврони қабл аз исломии ҷоҳилия дар паҳнои оилаҳои шарқӣ пайдо шудааст;

– **муайян карда шудааст,** ки шартҳои бастани ақди никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ аз розигии тарафҳо, синну соли никоҳӣ ва ҷой надоштани монеаҳои ақди никоҳ иборат буд, ки аксарияти чунин шартҳо дар низомҳои ҳуқуқии пешин дида мешуд. Никоҳ метавонист дар асоси аризаи зану шавҳар ё яке аз онҳо дар мақомоти суд ва ё САҲШ бекор карда шавад, яъне, ҳам зану мард ба бекор кардани никоҳ ҳуқуқи баробар доштанд ва ҳам тартиби махсуси бо роҳи бақайдгирии расмӣ-давлатӣ бекор кардани никоҳ муқаррар гардида буд;

– **хулоса карда мешавад,** танҳо соҳибистиқлолӣ ба мо имкон дод, ки ин ҳама равишу гардишҳо, болоравию таназзули муносибатҳо дар ташаккули асоситарин ячейкаи иҷтимоӣ оиларо ба инобат гирифта, ҳифзу рушди онро ба манфиати аъзои вай, ҷомеа ва давлат дар ҳамоҳангӣ роҳандозӣ намояд. Имрӯз низоми ҳуқуқи оилавии Тоҷикистони мустақил дар заминаи дастовардҳои илмӣ, амалӣ ва таърихӣ–ҳуқуқӣ рушд карда, ба падидаҳои ҳуқуқи оилавӣ сифатҳои ақлӣ ва шаклӣ бахшида, манфиати ҳама субъектонро дар партави ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демократию дунявӣ ҳифз намуда истодааст. Вале мушкилиҳо дар ин майдони ҳуқуқӣ ҳанӯз сахт эҳсосшавандаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия бо он тасдиқ карда мешавад,** ки дар раванди таҳияи тадбирҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқи оилавӣ дар ҷомеаи муосир, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои аъзоёни оила, пеш аз ҳама занону кудакон дар муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ, инчунин дар раванди қабули қонунҳо дар самти оила ва баланд бардоштани сатҳи фаҳмиши ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон метавонад мусоидат намояд.

- **Муайян карда шуданд,** ки таҳлили ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавии оид ба таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик гузаронидашуда имкон медиҳад, ки низоми тадбирҳои мушаххасе, ки ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлат дар ин самт нигаронида шудаанд, мақсадноктар муайян карда шаванд. Муаллифи рисола хусусиятҳои пайдошини никоҳ ва оила, сарчашмаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои оилавӣ, тартиби фарзандхондӣ, вазъи ҳуқуқии маҳрамҳо, шартҳои никоҳ ва асосҳои бекор кардани онро дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик муайян намудааст;

- **Ошкор карда шуд:** Бо дарназардошти ҳолати кунунии қонунгузории оилавӣ пешниҳод менамоем, ки ба қисми 2 моддаи 34 – и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи зерин тағйиру иловаҳо ворид карда шавад: «Ба моликияти муштараки ҳамсарон бозёфт (ба истиснои ашёи истифодаи

шахсӣ), подоши ганҷина ва молу мулки дар асоси давомнокии муҳлати бадасторӣ соҳибгаштаи онҳо дохил мешаванд»;

- **Муаррифӣ карда шуд:** Ба раванди ташаккули низоми ҳуқуқии Тоҷикистони демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ҷанбаҳои пурарзиши ҳодисаҳои ҳуқуқӣ-иҷтимоии ниёгони миллат, таҷрибаи давлатдорӣ, низомҳои ҳуқуқии дар давраҳои гуногуни таърихӣ амалкарда, давраҳои сахту сангини таърихи халқ, хотираи ҳуқуқӣ аз як ҷониб ва дар баробари ин, дастовардҳои муосири илми ҳуқуқшиносӣ аз ҷониби дигар, таъсири бағоят муҳим расонидааст. Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон дар васати ин ду ҷараёни пурғановати маънавӣ нақши муассири созишдиҳандаи манфиатҳои таърихию замонӣ дар партави давлати демократӣ ва ҳуқуқӣ ба таври шоиста баромад кард;

- **Нововарии илмии таҳқиқоти диссертсионӣ дар он зоҳир мегардад,** ки дар диссертатсия аввалин маротиба дар ҳаҷми як тақиқоти маҷмуӣ хотира ва амалияи ҳуқуқии халқи тоҷик дар паҳнои шаклгирии падидаҳои асосии ҳуқуқи оилавӣ – никоҳ, талоқ, фарзандхондӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои амволии ҳамсарон, аҳдномаи никоҳ, уҳдадориҳои алиментдиҳӣ дар масири чор низоми таърихии ҳуқуқӣ – зардуштӣ, мусулмонӣ, шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол батадриҷ таҳлил гардида, муаллиф қонунмандиҳои асосии рушди ҳуқуқи хонаводагӣ дар таърихи беш аз дуҳазорсолаи халқи тоҷикро муайян намудааст;

- **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, дар муқоиса бо ақидаҳо ва мафҳумҳои маъмулии дар илм пазируфташуда, навгонии илмӣ дошта, бо далелҳои илмӣ ва маълумоти воқеӣ, асосҳои пайдоиш ва ташаккули институтҳои ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик муайян гардида, навгониҳои илмӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ дар ҶТ исбот карда шудаанд;

- **Барои корҳои тачрибавӣ:** Пешниҳод мегардад, ки бо дарназардошти рушди иқтисодиёт, зиёд гардидани сарчашмаҳои даромад, ғанӣ гардидани буҷаи оилаҳо ва зиёд шудани шумораи соҳибкорон, махсусан, занони соҳибкор, инчунин аҳамияти муҳим доштани аҳдномаи никоҳ дар танзими муносибатҳои молумулкии зану шавҳар зарур мешуморем, ки дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шуда, бастани аҳдномаи никоҳ дар баробари шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳатмӣ гардонида шавад;

- **Ғоя асоснок шудааст:** Дар баробари низоми ҳуқуқии қонунӣ ва шартномавии молу мулки ҳамсарон, низоми ҳуқуқии омехтаи онро низ эътироф намуда, паҳлуҳои ҷудогонаи онро таҳқиқу таҳлил намудан ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки низоми ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон дар қонунгузории оилавии ҶТ аз низоми қонунӣ, шартномавӣ ва омехта иборат мебошад;

- **Муайян шудаанд:** Бо қабули аҳдномаи никоҳ дар танзими муносибатҳои молумулкии ҳамсарон бартарӣ аз меъёрҳои хислати императивидошта ба меъёрҳои дорои характери диспозитивӣ (иродавӣ) дода шуд. Азбаски мақсади бастани аҳдномаи никоҳ ҳимояи молу мулк мебошад он барои ҳамсароне, ки дороии ниҳоят зиёд доранд бештар муфид аст;
- **Истифода карда шуданд:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи ҶТ, Кодекси қонунҳо дар бораи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқи никоҳу оила ва васояти ҶФШСР, Кодекси Қонунҳои никоҳ, оила ва васояти ҶФШСР, Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ, Авесто, Шояст-нашояст, Қуръон, ҳадисҳо.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо навгонии илмии таҳқиқоти илмӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии муаллиф, монография, мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар нашр шудаанд, ҳамчунин, маърузаҳои муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тасдиқ мегардад.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 7 апрели соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст 16 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ 15 нафар, бюллетенҳои тақсимнашуда – 1 адад, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Азиззода У.А.

Котиби шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.

7-уми апрели соли 2026